**«ТАСДИҚ МЕНАМОЯМ»**
Ректори Донишгоҳи давлатии
ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон,
доктори илмҳои иқтисодӣ,
профессор______Шарифзода М.М.
«__19__» ____01____ соли 2024

## ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

ба диссертатсия ва автореферати Зиёвиддинзода Зулолиддин Зиёвиддин дар мавзуи «Асосҳои педагогии таҳсилоти фосилавӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли фанҳои риёзӣ-табиӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.01 - Назария ва методикаи фанҳои дақиқ)

**Мубрамӣ ва муҳиммияти мавзуи таҳқиқот.** Муаллифи диссертатсия Зиёвиддинзода З.З. дар таҳқиқоти худ масъалаи таълими фосилавии фанҳои риёзӣ-табииро дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ намудааст. Дар шароити муосир таҳсилоти фосилавӣ бо имконият ва устувории хеш мавқеъ ёфта истодааст. Таҳсилоти фосилавӣ монеаҳоро ҷиҳати гирифтани маълумоти зарурӣ ва муфид барои нафароне, ки мехоҳанд дар фосила таҳсил намоянд ё раванди таҳсилро дар таҳсилоти фосилавӣ ба роҳ монанд, бартараф менамояд.

Дар Тоҷикистон мубрамияти ин шакли таълимро ба инобат гирифта, қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 04.01.2017 оид ба татбиқи таҳсилоти фосилавӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба имзо расид. Ҳоло бошад дар ин самт корҳои зиёде ба сомон расида пояи моддӣ-техникии он рушд меёбад.

Таҳсилоти фосилавӣ ва анъанавӣ шаклҳои гуногуни таълим, вале якдигарро мукаммалкунанда мебошанд, ки технологияҳои омехтаро дар бар мегиранд. Дар баъзе ҳолатҳо таҳсилоти фосилавӣ технологияҳои нисбатан самараноктарро истифода мебарад.

Дар назди низоми таҳсилоти муосир вазифа гузошта шудааст, ки шахси эҷодкорро ба воя расонида, бештар ба инкишофи тафаккур, ташаккули маҳорат ва малакаҳои тадқиқотӣ, кор карда тавонистан бо технологияҳои муосири иттилоотӣ диққати ҷиддӣ диҳад. Низоми нави таълимӣ донишҷӯёнро водор менамояд, ки корҳои мустақилонаро иҷро кунанд, бо устодон робитаи баргарданда барқарор намоянд ва омӯзиши фанро ба роҳ монанд.

Аз ин рӯ, метавон гуфт, ки рисолаи таҳиянамудаи муаллиф ба яке аз масъалаҳои камомӯхташуда, яъне таҳсилоти фосилавӣ ва хусусияти педагогии методикаи омӯзиши фанҳои риёзӣ-табиӣ дар ин низом, бахшида шудааст.

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ва соҳаи илми эълоншуда**. Диссертатсияи Зиёвиддинзода З.З. дар мавзуи «Асосҳои педагогии таҳсилоти фосилавӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли фанҳои риёзӣ-табиӣ)» дар заминаи Феҳристи ихтисосҳои кормандони илм аз рӯйи ихтисос дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардидааст, иҷро карда шуда, тибқи бандҳои шиносномаи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.01 - Назария ва методикаи фанҳои дақиқ) таҳия шудааст. Аз он ҷумла, ба банди 4- «Омодасозии мутахассисон дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ» ва ба банди 7- «Педагогикаи амалӣ» (ҳаракати инноватсионӣ дар таҳсилот, фаъолияти озмоишӣ-таҷрибавии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар таҳсилоти фосилавӣ) мувофиқат мекунад.

**Навгонии илмӣ, натиҷаҳо ва хулосаву пешниҳодоти диссертатсия**. Навгонии илмии таҳқиқот аз мушаххас гардонидани моҳият ва сохтори мафҳуми «таълими фосилавӣ», таҳияи меъёр ва нишондиҳандаҳои самаранокии истифодаи он, муайянкунии самтҳои асосӣ, талабот ва шароитҳои педагогии ташкили фаъолияти таълимии донишҷӯён дар шароити таълими анъанавӣ ва фосилавӣ, таҳияи технология ва усулҳои нави шаклҳои фосилавии раванди таълим дар доираи омодасозии таълимгирандагон аз рӯи фанҳои равияи табиию риёзӣ ва барои татбиқи амалӣ пешниҳод карда

шудааст, коркард ва пешниҳоди тавсияҳо баҳри баланд бардоштани сифати таҳсилоти фосилавӣ дар муассисаҳои таълимии ҷумҳурӣ иборат аст.

**Аҳамияти илмӣ ва амалии натиҷаҳои таҳқиқот**. Хулосаҳои назариявӣ ва тавсияҳои амалӣ, ки дар раванди таҳқиқоти муаллиф ба даст омадаанд, дар таҳқиқи асосҳои педагогии таҳсилоти фосилавӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Тоҷикистон ҳамчун сарчашмаи назариявӣ хидмат менамояд.

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ мавқеи таҳсилоти фосилавиро дар омӯзиши фанҳои табиӣ-риёзӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Тоҷикистон ҳамчун заминаи бунёдӣ-методологии татбиқи таҳсилоти фосилавӣ, роҳу равиши вусъатбахши онро ҳамчун омили боэътимод асоснок менамоянд.

Натиҷаҳои таҳқиқот дар ғанӣ гардонидани назария, коркарди тавсияҳои методӣ, таҳияи барномаҳо ва курсҳои махсус барои донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, истифодаи таҳсилоти фосилавӣ дар амалия, маърӯзаю суханрони оид ба раванди роҳандозии низоми фосилавӣ ва риояи талаботҳои он омили беҳтарин хоҳад буд.

Аз натиҷаҳои таҳқиқотӣ ҳамчунин метавонанд бакалаврҳо, магистрантон, докторантони PhD ва унвонҷӯёни ихтисосҳои омӯзгорӣ ва умуман кулли муҳаққиқони ихтисосҳои самти илмҳои техникиву технологӣ, ки ба омӯзиш ва таҳқиқи системаҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ машғуланд, ҳамчун манбаи иттилооти иловагӣ истифода баранд.

Коркарди назариявӣ ва методологии муаллиф дар раванди таълими Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент ба ҳайси омӯзгори фанҳои табиӣ-риёзӣ аз соли 2012 истифода мешавад. Муаллиф усулҳои пешқадам ва инноватсиониро дар ҷараёни дарсҳои табиӣ-риёзӣ дар таҳсилоти фосилавӣ татбиқ намуда, натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсиониро дар конференсияҳои илмӣ, семинарҳои илмиву методӣ, ҷаласаҳои кафедраи фанҳои математика ва информатикаи Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент мавриди баррасӣ қарор додааст.

**Дарачаи асоснокӣ ва саҳеҳии муқаррароти илмӣ ва хулосаву пешниҳод**. Муаллифи диссертатсия Зиёвиддинзода З.З. бо истифодаи назарияҳои гуногун (фалсафӣ, педагогӣ, психологӣ), ки аз ҷониби олимони ватанӣ ва хориҷӣ оид ба масъалаи таҳсилоти фосилавӣ пешниҳод гардидаанд, натиҷаҳои илмиро ҳосил кардааст ва асоснок намудааст. Инчунин эътимоднокии дараҷаи таҳқиқот тавассути истифодаи усулҳои муқобилгузорӣ ва муқоисавӣ; асоснок намудани нуктаҳое, ки дар фарзияи таҳқиқоти диссертатсионӣ пешниҳод гардида, муқобилгузории натиҷаҳои аз раванди озмоиш бадастомада дар гурӯҳҳои таҷрибавию назоратӣ; таҷрибаҳои шахсии баргузорнамудаи муаллиф ба сифати омӯзгори фанҳои табиӣ-риёзӣ ва корҳои озмоишӣ ширкаткунанда таъмин карда мешавад.

Ташкили мушоҳида ва гузаронидани озмоишҳо, тавсиф ва натиҷагирӣ аз маълумоти таҷрибавӣ-озмоишӣ, тавсифи онҳо ва ҷамъбасткунӣ бо истифода аз усулҳои эмпирикӣ-арзёбӣ, озмоиш, таҷриба, муқоиса, таҳлил, синтез, индуксия, дедуксия дар асоси маълумоти бадастомада дар ташаккул додани далелҳои илмӣ, ки дар натиҷаи мавриди истифода қарор додани он нишондиҳандаҳои сифатӣ, усулҳои миқдорӣ, дар шакли маълумоти оморӣ ва роҳҳои коркарди онҳо рӯи кор омаданд. Яъне натиҷаҳои таҳқиқот бо истифодаи методҳои умумиилмии таҳқиқот коркард шудаанд ва ба муқарраротӣ маълуми илмҳои педагогӣ ихтилоф надоранд.

Хулоса ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии таҳқиқот дар асоси таҳлили илмии натиҷаи таҳқиқоти назариявию амалӣ пешниҳод карда шудааст, ки аз саҳеҳӣ ва дурустии натиҷаҳои таҳқиқот шаҳодат медиҳад (саҳ.166-173-и диссертатсия).

Масъалаи дар кори диссертатсионӣ таҳқиқшаванда дар корҳои дигар олимон ба таври чудогона баррасӣ шудааст, аммо дар кори мазкур ҳамаи паҳлуҳои методикаи таълими фосилавӣ мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор дода шудааст.

Гарчанде низоми иттилоотии истифоданамудаи муҳаққиқ (Moodle) дар корҳои дигар низ мушоҳида мешавад, аммо ӯ оинаҳои ин низомро ба пуррагӣ

равшан кушода бобати ҳар як оинаи кории ин барнома иттилооти дақиқ пеш овардааст(саҳ.130-163-и диссертатсия).

**Арзёбии мундариҷаи диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он**. Унвонҷӯ Зиёвиддинзода З.З. дар таҳқиқоти худ масъалаҳои илмӣ, мақсад ва вазифаҳои муайянро таҳқиқ кардааст. Диссертатсия аз муқаддима, 2 боб, хулоса, феҳристи адабиёти истифодашуда, дар маҷмуъ аз 193 саҳифаи чопи компюторӣ иборат мебошад.

Дар муқаддима мубрам будани мавзуи диссертатсия асоснок гардида, сатҳи таҳқиқи мавзуъ, объект, предмет, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, асосҳои методологӣ, назариявӣ, заминаҳои меъёрӣ, навгониҳои илмӣ ва нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявӣ ва амалии диссертатсия муайян карда шудааст, ҳамзамон, тасвиби натиҷаҳои таҳқиқот пешниҳод карда шудаанд.

*Дар боби якуми диссертатсия* – “Заминаҳои назариявӣ ва методии омӯзиши таҳсилоти фосилавӣ” - самтҳои асосии сохтор, мундариҷа ва рушди таҳсилоти фосилавӣ дар низоми таҳсилоти олии касбӣ дар замони муосир, намуд ва шаклҳои таҳсилоти фосилавӣ дар шароити муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон, хусусиятҳои ташкили фаъолияти таълимии донишҷӯён дар таҳсилоти фосилавӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Муаллиф истилоҳҳои «таълим» ва «таҳсилот», «таҳсилоти фосилавӣ» ва «таълими фосилавӣ»–ро, ки дар адабиёти муосир мавриди таҳлил қарор дода шудаанд, баррасӣ намудааст.

Дар ин боб муаллиф назария ва мавқеъҳои илмии татбиқи таҳсилоти фосилавӣ, махсусияи татбиқи он дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, муҳиммияти татбиқи он дар шароити муосирро мавриди таҳлилу таҳқиқи чуқур қарор додааст. Муаллиф назарияҳое, ки дар асоси он таълими фосилавӣ имконпазир мегардад, қайд намудааст (бихевиоризм, психологияи гешталтӣ, психологияи маърифатӣ, назарияи фаъолият, назарияи таълими барномавӣ).

Дар рисола намудҳо ва шаклҳои таълими фосилавӣ дар шароити муосир баррасӣ гардида, сухан дар бораи роҳу усулҳои татбиқи таҳсилоти фосилавӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Тоҷикистон меравад.

Муаллиф хусусиятҳои ташкили фаъолияти таълимии донишҷӯён дар таҳсилоти фосилавиро таҳлил намуда, дуруст қайд менамояд, ки “Дар таҳсилоти фосилавӣ, курси таълимӣ дар асоси омӯзиши мустақилонаи донишҷӯён сурат мегирад, аз ин рӯ, тамоми тартиби раванди таълим бояд ба роҳбарӣ ва ташкили кори мустақилонаи донишҷӯён бо маводи таълимӣ равона карда шуда, машғулиятҳои аудиторӣ танҳо вазифаи ёрирасонро иҷро намоянд”.

*Дар боби дуюми диссертатсия* –“Амсиласозии раванди таълими фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар таҳсилоти фосилавӣ” - сухан оид ба вазъи кунунии мушкилоти такмили методикаи таълими математика дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, технологияи таҳсилоти фосилавӣ дар ҷараёни таълими математика дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, таҷриба ва озмоишҳои педагогӣ оид ба самаранокии таҳсилоти фосилавӣ дар шароити муосир меравад. Зиёвиддинзода З.З. оид ба мушкилот дар истифодаи технологияҳои фосилавӣ ҳангоми омӯзиши математика дар донишгоҳи омӯзгорӣ таҳлилҳои худро шарҳ дода, зарурати ҷорӣ кардани низоми меъёрҳои баҳодиҳии сатҳи ташаккули худшиносии эҷодии шахсияти донишҷӯ-мутахассиси ояндаро зарур меҳисобад. Ба сифати меъёрҳои баҳодиҳии истифодаи технологияи фосилавӣ дар таълими математика муаллиф коркардҳои худро пешниҳод намудааст.

Дар зербоби боби дуюми рисола сухан бештар дар бораи ташкили раванди таълим дар низоми таҳсилоти фосилавӣ бо мавҷудияти барномаи электронии идоракунии раванди таълим меравад. Ташкили раванди таълим дар донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент дар шароити низоми таҳсилоти фосилавӣ баён карда шудааст. Муаллиф қайд менамояд, ки дар таҳсилоти фосилавӣ мавқеи асосиро дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ воситаҳои компютерӣ, алоқа ва технологияи таълим ташкил медиҳанд.

Муаллифи диссератсия пешниҳод мекунад, ки омӯзгорони фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ бояд сатҳи баланди салоҳияти касбиро дошта бошанд ва аз технологияи муосир моҳирона истифода бурда тавонанд; дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ барои такмили ихтисос ва маҳорати касбии ҳайати омӯзгорон ва кормандони ёрирасон тамоми тадбирҳо андешида шаванд, дар худи муассиса ё берун аз он курсҳои омӯзишӣ ташкил дода шаванд, ки аз манфиат холӣ нест. Ташкил ва гузаронидани машғулиятҳои таълимӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар таҳсилоти фосилавӣ дар речаи «On-line» то оғози сессияи таълимӣ баргузор карда шавад (саҳ.91).

Дар зербоби охирин, яъне "Тачриба ва озмоишҳои педагогӣ оид ба самаранокии таҳсилоти фосилавӣ дар шароити муосир", бо мақсади тафтиши самаранокии амсилаи ташкили фаъолияти таълимии донишчӯён дар омӯзиши фанҳои риёзӣ-табиӣ дар таҳсилоти фосилавӣ дар шароити таҳсилоти фосилавӣ дар соли хониши 2018-2019 дар Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент ва МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" озмоиши педагогӣ гузаронида шуд. Натиҷаи бадастомада, фарзияро тасдиқ намуда, имкон додааст, ки технологияи таҳсилоти фосилавӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ самаранок истифода бурда шавад.

Қайд кардан бамаврид аст, ки қисми амалии диссертатсия як қатор афзалиятҳо дорад, аз чумла муайянкунӣ ва тавсифи силсилаи усул ва методҳо вобаста ба мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, заминаи корҳои тачрибавӣ ва тасдиқи амалии муқаррароти кори илмӣ дар давоми озмоиш, таҳлили натиҷаи коркарди маводҳои тачрибавӣ.

Дар хулоса натиҷаҳои асосии таҳиқот ҷамъбаст шуда, дар асоси он тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот ба низом дароварда шудааст.

**Эроду тавсияҳо оид ба диссертатсия**. Ба фикри мо, дар диссертатсияи тақризшаванда дар баробари ҷиҳатҳои мусбӣ, ҳамзамон мавҷудияти баъзе камбудиҳои алоҳида ба мушоҳида мерасанд:

1. Тартиби ҷобаҷогузории мавод дар диссертатсия бояд ба мақсади таҳқиқот, ки аз ҷониби муаллиф муайян гардидааст, мувофиқат намояд. Ба андешаи мо, ҷобаҷогузории мавод дар зербоби 2.3-и диссертатсия такмилталаб аст. Зеро муҳтавои баъзе маълумотҳои ин зербоб бояд дар зербобҳои болоӣ ҷойгир мешуданд.

2. Дар саҳифаҳои кори диссертатсионӣ истилоҳот ба забони русӣ, масалан "администратсиякунӣ", "формат" ва ғ. мушоҳида мешавад. Хуб мешуд, агар муаллиф онҳоро ба забони тоҷикӣ иваз менамуд, зеро тайи чандин сол аст, ки истиҳолоти тоҷикии ин мафҳумҳо дар амалия истифода бурда мешаванд. Инчунин баъзе ибораҳои техникие мушоҳида мешаванд, ки муҳаққиқ маънои онҳоро накушодааст. Муаллифро зарур буд, ки барои кушодани ингуна истилоҳот (масалан "Гипервин" "Плагин" ва ғ.) чораандешӣ намояд.

3. Ҳангоми тартиб додани ҷадвалҳо ва диаграммаи онҳо хатоҳои техникӣ ба амал омадаанд ва номувофиқатиҳо дида мешавад (масалан, саҳ.118-и диссертатсия).

4. Хуб мешуд, агар муҳаққиқ дар диссертатсияи худ тафовут ва афзалиятҳои низоми Moodle-ро аз дигар барномаҳои ба он монанд шарҳ медод.

Мавриди зикр аст, ки эрод ва камбудиҳои номбурда аҳамият ва қимати илмию амалии таҳқиқотро паст намекунанд.

Дар маҷмуъ диссертатсияи таҳқиқшавандаи Зиёвиддинзода З.З. ба мавзуи мубрам бахшида шуда, таҳқиқоти илмии пурра анҷомёфтаи ба таври мустақилона иҷрошуда, ки навгониҳои илмии бадастомада ва аҳамияти амалӣ онро собит менамояд.

Натиҷагириҳои илмии муаллифи рисола Зиёвиддинзода З.З. аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки ӯ барои дар амал татбиқ намудани консепсияи назарии хеш оид ба асосҳои педагогии таҳсилоти фосилавӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ пешниҳодҳои мушаххас аз таҷриба ва озмоишҳои анҷомдода дар ихтиёр дорад ва он метавонад дар раванди корҳои

таълимиву тарбиявӣ барои баланд бардоштани сатҳу сифати таълим саҳми арзишманд гузорад.

**Тасдиқи инъикоси натиҷаҳои кори диссертатсионӣ дар нашрияҳои илмӣ**. Муқаррарот ва натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 13 адад асари илмии муаллиф нашр шудаанд, ки аз онҳо 7 адад мақола дар маҷаллаҳо ва нашрияҳои илмии тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд. Дар ҳамаи мақолаҳои илмии Зиёвиддинзода З.З. муҳтавои таҳқиқот ба таври зарурӣ инъикос гардидаанд.

**Мутобиқати автореферат ба муқаррароти асосии диссертатсия**. Автореферати диссертатсия тибқи талаботи муқарраргардида барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.01-Назария ва методикаи фанҳои дақиқ) таҳия гардида, мазмуни асосии таҳқиқотро инъикос менамоянд ва дар он натиҷаҳои назарраси илмии асоснокгардида шарҳи пурраи худро ёфтаанд.

**Хулоса оид ба мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ**. Диссертатсия ва автореферати Зиёвиддинзода Зулолиддин Зиёвиддин дар мавзуи «Асосҳои педагогии таҳсилоти фосилавӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли фанҳои риёзӣ-табиӣ)» аз рӯи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.01 - Назария ва методикаи фанҳои дақиқ), ки бо "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ" муқаррар шуда, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад, дорои аҳамияти баланди назариявии илмӣ, навгонии илмӣ буда, дар сатҳи баланди илмию методологӣ таълиф дода шудааст. Дар он масъалаи мубрам ва замонавии низоми маориф ҳалли мушаххаси худро ёфтааст. Зиёвиддинзода Зулолиддин Зиёвиддин сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.01 - Назария ва методикаи фанҳои дақиқ) мебошад.

Тақриз дар ҷаласаи васеи кафедраи технологияҳои иттилоотию коммуникатсонӣ ва барномарезии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва

сиёсати Тоҷикистон баррасӣ ва тасдиқ карда шудааст. Дар маҷлис оид ба муҳокимаи масъалаи мазкур 14 нафар омӯзгорон иштирок доштанд.

Натиҷаи овоздиҳӣ: “тарафдор”-14 нафар, “зид”- нест, “бетараф”- нест (протоколи №6 аз 19.01.2024).

**Раиси ҷаласа,**
номзади илмҳои физика-математика, дотсент,
мудири кафедраи технологияҳои иттилоотию
коммуникатсонӣ ва барномарезӣ **Мухамедова Ш.Ф.**

**Ташхисгар:**
номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи
фанҳои риёзӣ ва табиатшиносии муосир **Азимова Н. С.**

**Котиби ҷаласа,**
номзади илмҳои физика-математика, дотсент **Раҳимова М.А.**

*Имзоҳои Мухамедова Ш.Ф., Азимова Н.С. ва Раҳимова М.А.-ро тасдиқ менамоям:*

**Сардори раёсати кадрхо ва**
**корҳои махсуси ДДҲБСТ** **Мирпоччоев И.Ҳ.**

ШӮЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

**Суроға**: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Суғд, ш. Хуҷанд, маҳаллаи 17, бинои 1.
Тел.: +992(3422)2-38-11.
E-mail: tsulbp@rambler.tj
www.tsulbp.tj
«_19_» ______01______соли 2024